*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 012*
*дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,*
*кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Дар шароти рушди муносибатҳои иқтисодӣ масъалаи ташаккул ва рушди фазои мусоидт соҳибкорӣ хеле муҳиму мубрам аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар автореферати мазкур масъалаи равиши назариявӣ ва методологии омӯзиши падидаи фазои мусоиди соҳибкорӣ баррасӣ шудааст. Чунин ақида асоснок карда мешавад, ки соҳибкорӣ бояд на танҳо ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ барои ба даст овардани фоида, балки ҳамчун фаъолияте, ки муҳити институтсионалӣ ва фаъолияти иҷтимоию идоракунӣ муайян карда мешавад, баррасӣ карда шавад. Диққат ба масъалаи муносибатҳои соҳибкорӣ, тиҷорат ва идоракунӣ нигаронида шудааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки равиши институтсионалӣ ба мо имкон медиҳад, ки соҳибкорӣ нисбат ба анъанаи таҳлили иқтисодӣ ба таври воқеӣ тафсир карда шавад. Қайд карда мешавад, ки омӯзиши муҳити институтсионалии ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ хеле муҳим аст, зеро судмандии фаъолияти ташабусскоронро тақвият мебахшад.

Мусаллам аст, ки соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ташаббускори шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба ба даст овардани даромади соф нигаронида шудааст, ки ба моликияти худи шахсони воқеӣ асос ёфта, аз номи шахсони воқеӣ, бо таваккал ва масъулияти молу мулкии онҳо амалӣ карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки автореферати Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович таҳлили амиқи илмӣ ва омӯзиши усулҳои муосири татбиқро ифода намуда, хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Боиси тазаккур аст, ки дар автореферати мазкур мақсад, объект, предмет, усулҳои таҳлил, арзёбӣ, барассии масъалаҳо, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳои ҷолиб дарҷ карда шудааст.

Хуллас бояд ибрози андеша намуд, ки новобаста аз оне, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбӣ дорад, ҳамчунин камбудиҳои мазкур ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар автореферат қайд карда шудааст, ки барои боз ҳам беҳтар кардани фазои мусоид ва рақобатпазир, яъне таъмини ҷолибияти иқтисоди миллӣ барои сармоягузорӣ ислоҳоти минбаъда ва усулҳои мукаммалсозӣ бояд идома шаванд, аммо татбиқи ин иқдом мушаххас зикр нагардидааст?

2. Дар автореферат, шарҳи ақидаҳои донишмандони иқтисодшиноси ватанию хориҷӣ хеле кам ба чашм мерасад. Нисбати рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ нуқтаи назари муаллиф ба таври васеъ оварда нашудааст.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқарраротои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини якум, муовини ректор оид
ба таълими Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирсаидов С. А.

Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов С.А-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуи Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроғаи донишгоҳ: 734067,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов,
64/14. Тел.+9927802994
E-mail:surush-sa@mail/ru